# 94870 - Дӯсташ дар фурудгоҳ кор мекунад ва ба ӯ билети ройгон меорад. Оё ӯ онро қабул бикунад?

## савол

Яке аз дӯстонам дар фурудгоҳ кор мекунад ва ӯ ба ман ваъда дод, ки аз ҳисоби ширкати ҳавопаймоӣ ба ман билети ройгон меорад, аммо ман дар он ҷо кор намекунам. Оё истифода бурдани ин билет бароям ҷоиз аст ё не? Агар ба ман брон кунад, чӣ кор кунам? Оё бояд онро рад намоям?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар дӯсти шумо билетро бо роҳи ҳалол ба даст биёварад, масалан аз ҷониби ширкати ҳавопаймоӣ бидуни дурӯғ гуфтан, ришва додан ё фиребу ҳила ба ӯ тӯҳфа карда шавад, ҳеҷ боке нест, ки онро аз ӯ бипазиред.

Аммо агар онро бо роҳи ҳаром ба даст биёварад, онро қабул накунед ва дар кори харом ба ӯ кӯмак накунед.

Аллоҳ донотар аст.